# ТАҲЛИЛИ
## таъсири танзимкунии лоиҳаи
Дастурамали №__«Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ»

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Дастурамали №__ «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ» |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Дастурамали мазкур танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломиро (ба истиснои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ) муқаррар менамояд |
| Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 10 августи соли 2021 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 20 апрели соли 2021 ҷойгир карда шуда, аз 20 апрел то 21 майи соли 2021 машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи Дастурамали мазкур гузаронида шуд. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. Оид ба иштирок накардани шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ дар раванди машварати оммавӣ, дар хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 21 майи соли 2021, №07/2с дарҷ гардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули | Мавриди зикр аст, ки фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ хусусияти ба худ хос дорад ва танзиму назорати онҳо бояд ҳатман тибқи |

| | |
|---|---|
| санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | принсипҳои маблағгузории исломӣ ва инфрасохтори бозори молиявӣ, дар асоси назорати ба хавф нигаронидашуда амалӣ гардад.<br>Мутобиқи моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 4, 10, 12 ва 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" айни замон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба 1 адад бонки исломӣ ва 2 адад равзанаи бонкии исломӣ, барои анҷом додани амалиёти бонкии исломӣ иҷозатнома дода шудааст,(ҳамагӣ 3 иҷозатномаи амалкунанда).<br>Айни замон дар самти танзими фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ мушкилотҳои зерин ҷой доранд:<br>1. Мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор вобаста ба амалисозии назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва ҷой надоштани механизми мушаххаси баамалбарории чунин назорат. Аз ин лиҳоз, зарурат пеш омадааст, ки Дастурамали мазкур бояд қабул карда шавад, то ин ки талаботҳо ва механизмҳои назорати фаъолияти онҳо дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ", инчунин санадҳои меърии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба роҳ монда шаванд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур ва андешида нашудани ягон амал, талаботҳои мушаххас оид ба идоракунии хавфҳо дар раванди фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, таъмини фаъолияти самаранок ва мунтазами ташкилотҳои маблағгузории хурди исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти танзим ва назорати онҳо ва баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт, санҷиш ва баҳогузории фаъолияти онҳо, барои |

| | |
|---|---|
| | таъмин намудани мутобиқати онҳо ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин стандартҳои байналмилалӣ, мониторинг ва идоракунии хавфҳо, ташкили назорати дохилӣ, муайян намудани хусусияти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, тартиби додан ва бозхонди иҷозатномаи ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, тартиби пешниҳоди маблағгузории хурди исломӣ ва/ё қарзи хурди исломӣ ба муштариён, тартиби гузаронидани санҷиш ва аудити ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти идоракунии ташкилоти қарзии хурди исломӣ ва фонди қарзии хурди исломӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилоти қарзии хурди исломӣ ва фонди қарзии хурди исломӣ, ҳамчунин ошкор намудани амалу кӯшишҳое, ки ба манфиатҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои онҳо таҳдид мекунанд, ғайриимкон мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсади қабули Дастурамали мазкур ва ба ин васила дахолати давлат дар самти фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ- ин муайян ва ошкор намудани ҳолатҳои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои маблағгузории исломӣ ва мутобиқ сохтани фаъолияти ташкилотҳои зикршуда ба талаботи қонунгузории соҳаи ишорашуда мебошад. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ухдадорӣ ва | Дар заминаи таҳия ва қабул намудани Дастурамали мазкур, ба роҳ мондани танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мешавад.<br>Тавассути лоиҳаи Дастурамали мазкур амалисозии назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ, шаффофият, стандартҳои байналмилалӣ, мавҷудияти ваколату |

| | |
|---|---|
| маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | имкониятҳо, пайдарҳамӣ, ҳамкорӣ бо дигар мақомот, шартҳои баробар барои рақобати солим, назорати ба хавф нигаронидашуда ва мутаносибӣ ба роҳ монда мешавад.<br>Дар лоиҳаи Дастурамали мазкур чораҳои зерини амалисозии назорати ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ пешбинӣ гардидаанд:<br>- ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва таҳлили иттилоот (аз ҷумла маълумоти ҳисоботҳо), ки ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дахл дорад;<br>- арзёбии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ;<br>- омода намудани таклифҳо оид ба такмил додани фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ аз рӯи натиҷаи арзёбӣ;<br>- санҷиши фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дар ҷойҳо;<br>- санҷиши аз ҷониби ташкилоти назоратшаванда риоя шудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- санҷиши фаъолияти ташкилоти назоратшаванда дар самти мутобиқат ба талаботҳои принсипҳои маблағгузории исломӣ, ки Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар кардааст;<br>- санҷиши мутобиқати ҳуҷҷатҳо ва иттилооти (аз ҷумла, маълумоти ҳисоботӣ) ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда ба фаъолияти воқеии ташкилоти назоратшаванда;<br>- татбиқи чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои назоратшаванда риоя нашудани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;<br>- баҳо додани нақшаҳои чорабиниҳои ташкилоти назоратшаванда, ки барои рафъи |

| | |
|---|---|
| | камбудиҳои ошкоршуда равона шудааст, агар таҳияи нақшаро Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода бошад.<br>Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад бо дигар мақомоти давлатӣ, ки ба назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва бо дигар ташкилотҳое, ки бевосита ё бавосита ба ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб шудаанд, ҳамкорӣ намояд. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | То ин ҷониб санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати танзиму назорати фаъолияти ташкилотхои маблағгузории хурди исломӣ вуҷуд надорад.<br>Минбаъд, қабули Дастурамали мазкур барои мукаммал намудан ва тақвият бахшидани механизми амалисозии назорати низоми ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ пешбинӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ дар самтҳои болозикр мусоидат менамояд.<br>Аз ин лиҳоз, бидуни қабули Дастурамали мазкур ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, ваколатҳои худро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ амалӣ менамояд.<br>Қабули Дастурамали мазкур эътимоднокии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро дар самти маблағгузории хурди исломӣ афзун намуда, барои рушди минбаъдаи инфрасохтори ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва мизоҷони онҳо заминаи устувор мегузорад.<br><u>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи Дастурамали мазкур:</u><br>- шаффофияти фаъолияти ташкилотҳои |

| | |
|---|---|
| | маблағгузории хурди исломӣ таъмин карда шуда, дастрасии озоди омма ба маълумот оид ба вазъи воқеии фаъолияти чунин ташкилотҳо таъмин карда мешавад;<br>- пешниҳоди хизматрасониҳои маблағгузории хурди исломӣ сода ва дастрас мегарданд;<br>- барои баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии аҳолӣ ба низоми фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дар ҷумҳурӣ амалкунанда мусоидат менамояд;<br>- ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд;<br>- барои ҳавасмандгардонии ташкилотҳои назоратшаванда баҳри баланд бардоштани сатҳи кофии донишу малака ва салоҳиятнокии кормандони ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар самти ташкил ва идоракунии хавфҳо мусоидат менамояд;<br>- фарогирӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, алалхусус дар ноҳияҳои дурдасти кишвар таъмин карда шуда, сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ баланд бардошта мешавад.<br>- сифати хизматрасониҳои маблағгузории исломӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад;<br>- барои рушд ёфтани самти маблағгузориҳои исломӣ мусоидат менамояд;<br>- барои сари вақт ва осонтар дастрас гардидани маблағгузории исломӣ мусоидат менамояд.<br><u>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:</u><br>- субот, бехатарӣ ва муассирии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешавад;<br>- рақобати солим ва одилонаи ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва иштирокчиёни он таъмин карда мешавад;<br>- барои рушди минбаъдаи ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ заминаи устувор гузошта мешавад;<br>- талаботҳои ҳаммонанд ва равшан ба |

| | |
|---|---|
| | фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, иштирокчиёни он ва таъмин карда мешаванд;<br>- самаранокии фаъолияти воҳидҳои сохторҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ баланд бардошта мешавад;<br>- ҳуқуқ ва ухдадориҳои баробари ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва иштирокчиёни он таъмин карда мешаванд;<br>- барои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ самтҳои афзалиятноки иқтисодиётро ҷиҳати сармоягузориҳо муайян менамояд;<br>- самтҳои ҷойгиркунии маблағгузориҳои хурди исломиро ба намудҳои гуногуни маҳсулотҳои бонкдории исломӣ муайян менамояд;<br>- дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ мерасонад.<br>- кафолати фаъолияти бемамониати ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дар доираи пешниҳоди хизматрасониҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ таъмин карда мешавад.<br>Қабули Дастурамали мазкур аз ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Дар сурати қабул гардидани Дастурамали мазкур, танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва таъмини субот ва шаффофият дар фаъолияти онҳо, баҳогузории риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, афзоиши дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳамзамон ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони ин хизматрасониҳо амалӣ мегардад, инчунин хавфҳои ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дар фаъолият дучоршаванда пешгирӣ карда мешаванд. |

| | |
|---|---|
| | Ҳангоми амалисозии назорати ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, Бонки миллии Тоҷикистон амалҳои зеринро анҷом медиҳад:<br>- ҷамъоварӣ, мураттабсозӣ ва таҳлили иттилоот (аз ҷумла маълумоти ҳисоботҳо), ки ба фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни он, инчунин сохтори ташкилӣ ва фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ дахл дорад;<br>- дастрас намудани ҳуҷҷатҳо ва дигар иттилооти зарурӣ аз ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни он;<br>- арзёбии фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва иштирокчиёни он.<br>Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ тибқи муқаррароти Дастурамали мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи дахлдор оид ба фаъолияти хешро пешниҳод менамоянд.<br>Дар ин замина, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назоратии ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, бо истифода аз иттилоот ва ҳисоботҳои дастрасшуда на зиёдтар аз як маротиба дар ду сол дар ташкилотҳои назоратшаванда санҷиши нақшавӣ мегузаронад. Инчунин, ҳангоми халалдор шудани фаъолияти мунтазами ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад санҷишҳои ғайринақшавӣ гузаронад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 16 августи соли 2021 |

Муовини Раис Толибзода Ф. Н.